ПРОТОКОЛИ №20-и

ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-099-и назди

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

аз 28-уми ноябри соли 2025 ш. Душанбе

Дар ҷаласа иштирок доштанд:

аз 11 нафар аъзои шуро 11 нафар

Раиси шуро: Салихов Шамсидин Аслидинович

Дар ҷаласаи имрӯза аз 11 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.05.2025, №206/шд тасдиқ шудааст, 11 нафар иштирок доранд.

Оид ба кори ҷаласаи шурои диссертатсионӣ чӣ пешниҳодҳо доред? Пешниҳод гардид, ки кори шуро оғоз шавад. Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намояд. Муқобил, бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ба экспертизаи аввалия қабул намудани диссертатсияи Мадизода Умеда Муҳаббат дар мавзуи «Татаббуъ ва таҳаввули он дар шеъри адабиёти асрҳои XI-XII-и форсии тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) (роҳбари илмӣ: доктори илмҳои филологӣ, профессор, сардори Раёсати магистратура, аспирантура ва докторантураи PhD-и Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Қосимзода Солеҳ Салим).

Баромад намуданд: раиси шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои филологӣ, профессор Салихов Шамсидин Аслидинович, котиби илмии шурои диссертатсионӣ, номзади илмҳои филологӣ, дотсент Шоев Абдуҳамид

Абдунабиевич ва аъзои шурои диссертатсионӣ – доктори илмҳои филологӣ, профессор Қосимӣ Саъдӣ Абдулқодир, доктори илмҳои филологӣ, профессор Худойдодов Аъзам Овлододович, доктори илмҳои филологӣ, профессор Қурбонзода Рухшона Қурбон

ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Диссертатсияи Мадизода Умеда Муҳаббат дар мавзуи «Татаббуъ ва таҳаввули он дар шеъри адабиёти асрҳои XI-XII-и форсии тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) ба экспертизаи аввалия қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ дар ҳайати зерин тасдиқ карда шавад:

- доктори илмҳои филологӣ, профессор, узви шурои диссертатсионӣ, раиси комиссияи экспертӣ – **Қосимӣ Саъдӣ Абдулқодир**;
- доктори илмҳои филологӣ, профессор, узви шурои диссертатсионӣ, узви комиссияи экспертӣ – **Худойдодов Аъзам Овлододович**;
- доктори илмҳои филологӣ, профессор, узви шурои диссертатсионӣ, узви комиссияи экспертӣ – **Қурбонзода Рухшона Қурбон**.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 11 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест. **Якдилона қонибдорӣ гардид.**

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Салихов Шамсиддин

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ, дотсент Шоев Абдуҳамид